Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

3 майи соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст,

рақами бақайдгирӣ 423(1)

# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

**"2" апрели соли 2019 № 53**

## "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсол, истихроҷ, коркард, истифода, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо"

Мутобиқи моддаи 8 ва зербанди 8 қисми 1 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №265 "Дар бораи Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" ва банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №187 тасдиқ карда шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсол, истихроҷ, коркард, истифода, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

3. Нозироти давлатии иёгирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати интишори расмии фармоиши мазкур чораҳои зарурӣ андешад.

4. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июли соли 2008, № 51 "Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номгўи масъалаҳои назоратӣ" аз ҷониби Нозироти давлатии иёгирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 2008, №423 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сардори Нозироти давлатии иёгирӣ вогузор карда шавад.

Вазир Ф.Қаҳҳорзода

Замима

Замима
ба фармоиши Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 апрели соли 2019, №53

# ҚОИДАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР ДАР СОҲАИ ИСТЕҲСОЛ, ИСТИХРОҶ, КОРКАРД, ИСТИФОДА, НИГОҲДОРӢ ВА БАҲИСОБГИРИИ МЕТАЛЛҲОИ ҚИМАТБАҲО ВА САНГҲОИ ҚИМАТБАҲО

## *1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

1. Қоидаҳои мазкур тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар соҳаи истеҳсол, истихроҷ, коркард, истифода, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз тарафи Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, ба баланд бардоштани самаранокии ҳифзи амнияти молу мулк, ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, муҳити зист, амнияти ҷомеа равона гардидааст.

## 2. ВАКОЛАТЙОИ МАНСАБДОРИ НОЗИРОТИ ДАВЛАТИИ ИЁРГИРҶ ДАР ВАҚТИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШ

2. Ваколатҳои шахсони мансабдори Нозирот ҳангоми гузаронидани санҷиш бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №265 “Дар бораи Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро ба танзим медароранд, муқаррар шудаанд.

3. Шахсони мансабдори Нозирот ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ухдадоранд:

- санҷишро танҳо мувофиқи қарори Нозирот гузаронанд;

- нигоҳдории миқдор ва сифати ҳуҷҷатҳо, намунаҳои барои омӯзиш ва дигар маводи муваққатан гирифташуда ва баргардонидани саривақтии онҳоро таъмин намоянд;

- ба субъекти хоҷагидор мавзӯъ ва моҳияти вайронкуниҳо ва камбудиҳои ошкоргардидаро фаҳмонанд, оид ба бартараф намудани онҳо чораандешӣ намоянд, ба пинҳон кардани онҳо роҳ надиҳанд;

- асоснокии амалҳои худро ҳангоми шикояти субъектҳои хоҷагидор тибқи тартиби муқаррарнамудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот намоянд;

- тибқи тартиби муқаррargardida оид ба санҷиш дар дафтари бақайдгирии санҷишҳо қайдҳо гузорад.

4. Шахсони мансабдори Нозирот ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ҳуқуқ доранд:

- ҷиҳати амали намудани вазифаҳои худ аз субъекти хоҷагидор маълумоти заруриро дархост намуда гиранд (дар ҳолати зарурӣ бевосита бо нусхаи аслии ҳуҷҷатҳо шинос шаванд);

- дар ҳолати зарурӣ иқтибос гиранд ва ҳуҷҷатҳоро нусхабардорӣ намоянд;

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар бораи қоидавайронкуниҳо санад ва протоколҳо тартиб диҳанд;

- агар азназаргузаронӣ бо санҷиш алоқаманд бошад, бино, таҷҳизот, дигар молу мулкро аз назар гузаронанд;

- агар санҷиш бо риояи талаботи технологӣ алоқаманд бошад, аз раванди технологӣ дидан намоянд.

5. Шахсони мансабдори Нозирот ҳангоми гузаронидани санҷиш принсипҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои дар Кодекси одоби шахсони мансабдори мақомоти санҷишӣ пешбинишударо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2016, №421 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ мегиранд.

## *3. ТАРТИБИ БАНАҚШАГИРӢ ВА ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШӢО*

6. Тартиби гузаронидани санҷишҳо дар соҳаи истеҳсол, истихроҷ, коркард, истифода, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" ва Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ба роҳ монда мешавад.

7. Гузаронидани санҷишҳои нақшавӣ тибқи Нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳои нақшавии Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ мегардад.

8. Нозирот дар мухлати то 1 ноябри соли ҷорӣ Нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳои нақшавиро барои соли оянда таҳия намуда, дар мувофиқа бо Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ тасдиқ мекунад ва дар сомонаи расмии Вазорати молия, Нозирот ҳамчун мақоми пешбарандаи сиёсат дар соҳаи мазкур ва дар воситаҳои ахбори омма барои шиносоии субъектҳои хоҷагидор ҷойгир мекунад.

9. Нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳои нақшавӣ аз тарафи Нозирот дар асоси даврияти гузаронидани санҷишҳо, ки барои ҳар як гурӯҳи таваккал бо назардошти дараҷаи таваккали ҳар як субъекти хоҷагидор муқаррар мегардад, таҳия карда мешавад. Меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккал тибқи Қоидаҳои муайян намудани меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъекти хоҷагидор, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, муайян карда мешаванд.

10. Нозирот ҳар нимсола, вобаста ба тағйир ёфтани дараҷаи таваккал ба Нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳои нақшавӣ тағйирот ворид менамоянд. Тағйироти мазкур бо Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ мувофиқа карда шуда, аз ҷониби Сардори Нозироти давлатии иёргирӣ тасдиқ мегарданд ва дар сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нозирот ва воситаҳои ахбори омма барои шиносоии субъектҳои хоҷагидор ҷойгир карда мешаванд.

11. Назорати риоя ва иҷрои Нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳои нақшавӣ аз тарафи Сардори Нозироти давлатии иёргирӣ ба амал бароварда мешавад.

12. Шахсони мансабдори Нозирот ба субъекти хоҷагидори навтаъсис, ба истисноии субъектҳои хоҷагидори дараҷаи таваккалнокиашон баланд, дар ду соли аввали фаъолияти онҳо танҳо барои додани машварат ва ёрии методӣ оид ба мавзӯи санҷиш ташриф меоранд.

13. Шикояти субъекти хоҷагидор оид ба натиҷаи санҷиш бояд моҳияти шикоят ва талаб намудани гузаронидани санҷиши иловагиро пешбинӣ намояд.

14. Қарори Сардори Нозирот дар бораи гузаронидани санҷиши иловагӣ, ки ба муроҷиати субъекти хоҷагидор асос ёфтааст, дар давоми 3 рӯзи корӣ аз лаҳзаи ворид шудани муроҷиат қабул карда мешавад.

15. Санҷишҳо аз ҷониби Нозирот дар асоси қарор дар бораи гузаронидани санҷиш сурат мегиранд. Қарор дар бораи гузаронидани санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор аз тарафи Сардори Нозирот қабул ва ба имзо расонида мешавад.

16. Ҳангоми қабули қарор дар бораи гузаронидани санҷиш Сардори Нозироти давлатии иёргирӣ бояд ба инобат гирад, ки шахси мансабдори барои гузаронидани санҷиш таъингардида:

- бо роҳбарияти субъекти хоҷагидор ва ё намояндаи он робитаҳои хешутаборӣ надошта бошад;

- дигар ҳолатҳое, ки метавонанд бевосита ё ба восита ба манфиатдории натиҷаи санҷиш сабаб шаванд, ҷой надоранд.

17. Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматии шахси мансабдори Нозирот ба шиноскунии ҳатмии субъекти хоҷагидор бо қарори кабулгардида оид ба гузаронидаии санҷиш ва ворид намудани қайдҳо дар бораи санҷиш ба дафтари бақайдгирии санҷишҳо оғоз меёбад. Гузоштани қайдҳо дар дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби шахси мансабдори Нозирот бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

18. Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор дар давоми даврае амали мегардад, ки дар қарор ва огоҳиномаи Нозирот оид ба гузаронидани саиҷиш нишон дода шудааст.

19. Баъди ба анҷом расидани муҳлати гузаронидани санҷиш, ки дар қарори Нозирот дар бораи гузаронидани санҷиш зикр гардидааст, субъекти хоҷагидор ҳуқуқ дорад шахсони мансабдори Нозиротро ба объекти санҷиш роҳ надиҳад.

20. Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор аз тарафи шахсони мансабдори Нозирот, ки барои гузаронидани санҷиш ваколатдор гардидаанд, қатъиян тибқи номгӯи масъалаҳои назоратӣ нисбати мавзӯи санҷиши нақшавӣ истифодашаванда гузаронида мешавад. Баромадан аз доираи номгӯи масъалаҳои назоратӣ ҳангоми гузаронидани санҷиши нақшавӣ манъ аст.

21. Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор дар маҳалли бақайдгирии давлатӣ ё дар маҳалли фаъолияти ӯ гузаронида мешавад.

22. Иштироки субъекти хоҷагидор ё намояндагони ваколатдори он дар объекти гузаронидани санҷиш дар вақти барои оғози санҷиш таъиншуда ҳатмист. Субъекти хоҷагидор дар омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳо, ҳисоботҳо ва дигар маводҳо оид ба истеҳсол, истихроҷ, коркард, истифодабарӣ, муомилот, баҳисобгирӣ ва нигоҳдории металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ба шахси мансабдори Нозирот, ки ба гузаронидани санҷиш ваколатдор мебошад, мусоидати ҳамаҷониба менамояд.

23. Ҳангоми гузаронидани санҷиш, субъекти хоҷагидор тамоми ҳуҷҷатҳои дархостнамудаи корманди Нозиротро марбут ба мавзӯи санҷиш ва мутобиқи номгӯи масъалаҳои назоратӣ пешниҳод менамояд, инчунин дастрасиро ба ҳудуд, бино, иншоот, таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёте, ки субъекти хоҷагидор дар онҳо фаъолияти худро амалӣ менамояд, таъмин мекунад.

24. Дар анҷоми санҷиш, сарфи назар аз натиҷаҳои он, шахси мансабдори Нозирот, ки ба гузаронидани санҷиш ваколатдор мебошад, санади санҷишро мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи боби 4 Қоидаҳои мазкур дар шакли тасдиқнамудаи мақоми санҷишӣ тартиб медиҳад (мутобиқи Замимаи 3 ба қоидайои мазкур) .

25. Санади санҷиш дар ду нусха тартиб дода шуда, аз ҷониби шахси мансабдори Нозирот, ки санҷиши дахлдорро гузаронидааст, имзо карда мешавад. Як нусхаи санади санҷиш дар Нозирот нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюм ба субъекти хоҷагидор супорида мешавад.

26. Дар ҳолати ошкор намудани таркиби ҷиноят дар фаъолияти субъекти хоҷагидор, нусхаи санади санҷиш ва мавод аз рӯйи натиҷаи санҷиш ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои қабули қарор равона карда мешаванд.

27. Оид ба натиҷаҳои санҷиш, ки дар қарор дар бораи натиҷаҳои санҷиш инъикос ёфтаанд, субъекти хоҷагидор тибқи тартиби муқаррарнамудаи боби 8 Қоидаҳои мазкур метавонад шикоят намояд (мутобиқи Замимаи 4 ба қоидайои мазкур).

28. Аз рӯи натиҷаҳои санҷиш ва пас аз гузаштани мухлати шикоят, дар ҳолати мавҷудияти ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардида дар фаъолияти субъекти хоҷагидор, Нозирот чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ меандешад ё маводро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд пешниҳод менамояд.

***29. Қарор дар бораи муваққатан боздоштани фаъолияти субъекти хоҷагидор тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумӣурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектӣои хоҷагидор» аз ҷониби Сардори Нозирот қабул карда шуда, ба маълумоти субъекти хоҷагидор расонида мешавад.***

*4. УСЛУБИ ТАРТИБДИЙИИ САНАДИ САНҶИШ*

30. Санади санҷиш тибқи шакле, ки дар замимаи Қоидаҳои мазкур омадааст, тартиб дода шуда, аз тарафи шахси мансабдори Нозирот, ки барои гузаронидани санҷиш ваколатдор мебошад ва субъекти хоҷагидор ба имзо расонида мешавад.

31. Санади санҷиш бояд дорои ифодаи муназзами далелҳои бо ҳуҷҷат тасдиқшудаи ҳуқуқвайронкунӣ бошад, ки дар раванди санҷиш ошкор гардидаанд, ё ин ки мавҷуд набудани чунин вайронкуниҳо тасдиқ шуда бошад.

32. Дар санади санҷиш маълумоти зерин инъикос мегардад:

- маҳалли гузаронидани санҷиш, санаи тартиб додани санади санҷиш;

- мавзӯъ ва намуди санҷиш;

- мансаб, насаб, ном, номи падари шахсони мансабдори мақоми санҷишӣ, ки санҷишро гузаронидаанд;

- дар ҳолати иштироки мутахассиси (коршиноси) ҷалбшуда дар гузаронидани саиҷиш;

- насаб, ном, номи падари ӯ, инчунин рақами шаҳодатномаи хизматӣ, номи ташкилоте, ки онро ӯ намояндаги мекунад, дар ҳолате, ки мутахассиси (коршиноси) мустақил бошад, рақами шаҳодатномаи хизматӣ ва ё ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, номи ташкилоте, ки онро ӯ намояндаги мекунад, рақам ва номгӯйи иҷозатнома, номи мақомоте, ки иҷозатномаро додааст ва мухлати амали иҷозатнома, дар ҳолате, ки фаъолияти мутахассиси (коршиноси) ҷалбшуда ё фаъолияти ташкилоте, ки онро ӯ намояндаги мекунад, бояд иҷозатнома дошта бошад;

- рақами мушаххаси андозсупорандаи субъекти хоҷагидор;

- маълумоти дигари пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор".

33. Санади санҷиш бояд дар ҳомили коғази бо забони давлатӣ тартиб дода шуда, дорои рақами тартибӣ бошад.

34. Дар санади санҷиш ифлосиҳо, тозакуниҳо ва дигарислоҳкуниҳо ба истисноӣ ислоҳкуниҳое, ки пешаки муайян ва бо имзои шахсони дар санад имзогузошта тасдиқ шудаанд, иҷозат дода намешавад.

35. Ҳангоми дар матни санади санҷиш истифода намудани номгӯйи ихтисоршуда ва калимаҳои маъмул дар истифодаи аввали ибораи дахлдор, он пурра ва баъдан номгӯйи ихтисоршуда дар қавс қайд мегардад.

36. Санади санҷиш бояд аз се қисм иборат бошад: муқаддимавӣ, тавсифӣ ва ҷамъбастӣ.

37. Дар қисми муқаддимавии санади санҷиш маълумоти умумӣ дар бораи санҷиши гузаронидашаванда ва субъекти хоҷагидори санҷидашаванда инъикос карда шавад.

38. Қисми муқаддимавии санад бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- номи пурра ё мухтасари субъекти хоҷагидори санҷидашавандаи шахси ҳуқуқӣ тибқи ҳуҷҷатҳои муассисӣ ё насаб, ном ва номи падари субъекти хоҷагидор - соҳибкори инфиродӣ;

- рақами мушаххаси андозсупорандаи субъекти хоҷагидор;

- санаи баимзорасонии санади санҷиш аз ҷониби шахсони мансабдори мақоми санҷишӣ, ки санҷишро гузаронидаанд;

- насаб, ном, номи падари шахсони санҷиш гузаронида, мансабҳои онҳо бо қайд намудани номи Нозироти давлатии иёргирӣ;

- асос барои гузаронидани санҷиш (сана ва рақами қарор оид ба гузаронидани санҷиш);

- давраи санҷидашаванда;

- санаи оғоз ва анҷоми санҷиш;

- суроғаи маҳалли ҷойгиршавии субъекти хоҷагидори санҷидашаванда;

- маълумот дар бораи мавҷудияти фаъолияти иҷозатнома ва шаҳодатномашаванда (рақам ва санаи додани иҷозатнома/шаҳодатнома, номи мақоме, ки иҷозатнома/шаҳодатномаро додааст, мӯҳлати оғоз ва анҷоми амали иҷозатнома/шаҳодатнома), дар ҳолате, ки агар намуди фаъолияти санҷидашаванда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд иҷозатнома/шаҳодатнома дошта бошад ва санҷиши чунин масъалаҳо ба номгӯйи масъалаҳои назоратие, ки аз рӯйи он санҷиш гузаронида шудааст, ворид гардида бошад;

- маълумот дар бораи намудҳои фаъолияти воқеан аз тарафи субъекти хоҷагидор амалишаванда, ки мутобиқ ба номгӯи масъалаҳои назоратӣ буда, аз рӯйи онҳо санҷиш гузаронида шудааст, дохил мешавад;

- маълумот оид ба усули гузаронидани санҷиш (азназаргузаронии ҳуҷҷатҳо, таҷҳизот, гирифтани намунаҳо ва таҳлилҳо ва ғайра);

- маълумоти дигари зарурӣ.

39. Қисми тавсифии санади санҷиш дорои ифодаи муназзами далелҳои бо ҳуҷҷат тасдиқшудаи ҳуқуқвайронкуниҳои дар раванди санҷиш ошкоргардида ё ишора ба мавҷуд набудани чунин ҳуқуқвайронкуниҳо, инчунин ҳолатҳои бо чунин далелҳо алоқаманд мебошад, ки барои қабули қарори дуруст аз рӯи натиҷаҳои санҷиш аҳамият доранд.

40. Таркиби қисми тавсифии санади санҷиш бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

а) воқеият ва асоснокӣ. Далелҳои дар санад инъикосгардида бояд натиҷаи санҷиш ва таҳқиқи дақиқ гузаронидашуда бошанд, носаҳеҳии далелҳоро истисно намоянд, пуррагии хулосаро оид ба хилофи қонунгузорӣ будани кирдори (амал ё беамалии) субъекти хоҷагидор таъмин намоянд. Оид ба ҳар як далели ҳуқуқвайронкунии дар санад инъикосгардида бояд инҳо қайд карда шаванд:

- намуди ҳуқуқвайронкунӣ, усул ва дигар вазъияти содиршавии он, даврае, ки чунин вайронкунӣ таалluқ дорад;

- таснифоти ҳуқуқвайронкунии содиршуда бо истинод ба меъёрҳои дахлдори қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи субъекти хоҷагидор вайрон карда шудаанд;

- истинод ба хулосаҳои коршиносон (дар ҳолати гузаронидани экспертиза), баёнотҳо ва ё протоколҳои пурсиши шоҳидон, инчунин дигар протоколҳое, ки ҳангоми иҷрои амалҳои зарурӣ оид ба гузаронидани санҷиш тартиб дода шудаанд;

б) пуррагӣ ва инъикоси ҳамаи ҳолатҳои назаррас дар санади санҷиш, ки ба далелҳои вайронкунӣ тааллуқ доранд. Ҳар як далели вайронкунии дар раванди санҷиш ошкоргардида пурра ва ҳаматарафа бояд омӯхта шавад. Ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунии дар санади санҷиш баёнгардида, бояд ба натиҷаи санҷиши ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки бо далели овардашуда метавонанд алоқаманд бошанд, инчунин ба натиҷаи ҳамаи дигар амалҳои зарурӣ оид ба амалигардонии санҷиш асос ёбад. Дар санади санҷиш бояд ҳамаи ҳолатҳои назарраси мансуб ба ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардида дарҷ гардад;

в) возеҳият, мухтасарӣ ва фаҳмо будани баён. Ифодаи дар санаи санҷиш мавҷуда, бояд имконияти тафсири ҳархеларо истисно намояд, ифода бояд кӯтоҳ, возеҳ, фаҳмо ва пайдарҳам бошад;

г) муназзамии баён. Вайронкуниҳои дар раванди санҷиш ошкоргардида бояд дар санади санҷиш бо қисмҳо, бандҳо ва зербандҳо вобаста ба хусусияти вайронкунӣ гурӯҳбандӣ карда шаванд.

41. Санад набояд дорои тахминкунии субъективии Нозирот ва ба далелҳои кофӣ асоснаёфта бошад.

42. Қисми ҷамъбастии санади санҷиш (хулоса) бояд дорои маълумоти ҷамъбастӣ оид ба далелҳои ҳуқуқвайронкуниҳои муайянгардида, инчунин маълумот оид ба зарари дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардида ба манфиатҳои ҷамъият ва давлат расонидашуда, бо истинод ба меъёрҳои дахлдори қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

43. Ба санади санҷиш замима мегарданд:

- қарори қабулгардида оид ба гузаронидани санҷиш;

- номгӯйи масъалаҳои назоратие, ки аз рӯи онҳо санҷиш гузаронида шудааст;

- хулосаи коршинос (дар ҳолати гузаронидани экспертиза);

- нусхаи ҳуҷҷатҳо, ҳисобҳое, ки аз тарафи шахси мансабдори Нозирот ба гузаронидани санҷиш ваколатдор мебошад бадаст оварда шудааст ва маводи дигари заруриe, ки дар ҷараёни санҷиш гирифта шудаанд.

44. Маълумоти дар санади санҷиш мавҷудбудае, ки ба сирри тиҷоратӣ (инчунин дигар маълумоте, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз гардидаанд) тааллуқ дорад, аз ҷониби шахси мансабдори Нозирот, ки ба гузаронидани санҷиш ваколатдор мебошад ошкор карда намешаванд, инчунин ба дигар мақомот ё шахсони сеюм, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дода намешаванд.

## *5. РАСМИЁТИ БАРРАСИИ ДОХИЛИИДОРАВИИ МУРОҶИАТҲОИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР*

45. Муроҷиатҳои субъектҳои хоҷагидор нисбати амал (беамалӣ) ва қарори дар ҷараёни гузаронидани санҷиш қабулнамудаи шахси мансабдори Нозирот, ки ба гузаронидани санҷиш ваколатдор мебошад, бояд дар Нозирот қабул гардида, дар китоби қайди муроҷиатҳо ворид ва бо роҳи додани рақами алоҳида барои ҳар як муроҷиат ба қайд гирифта шаванд. Рад намудан аз қабули муроҷиат манъ аст.

46. Баррасии муроҷиатҳои субъектҳои хоҷагидор нисбати амалҳо (беамалӣ) ва қарори дар ҷараёни гузаронидани санҷиш қабулнамудаи шахси мансабдори Нозирот ройгон мебошад.

47. Муроҷиатҳои ба Нозирот воридгардида, аз ҷониби шахсони мансабдоре баррасӣ мегарданд, ки масъулияти барраси намудани чунин муроҷиатҳо ба онҳо вогузор шудааст.

48. Расмиёти баррасии дохилиидоравии муроҷиатҳои субъектҳои хоҷагидор дар Нозирот тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

### *6. РАСМИЁТ ҶИЙАТИ БАНАҚШАГИРӢ, ПЕШНИЙОДИ ИТТИЛООТ ВА МАШВАТАТ БА СУБЪЕКТЙОИ ХОҶАГИДОР*

49. Нозирот бо мақсади паст кардани хавф ва бартараф намудани шароите, ки ба ҳуқуқвайронкунии имконпазир мусоидат мекунад, ба субъектҳои хоҷагидор то оғози санҷиш, дар ҷараёни санҷиш ва баъди анҷоми санҷиш оид ба масъалаҳои мутобиқати фаъолияти онҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон машварат ва тавсияҳо медиҳанд.

50. Пешниҳоди машварат ва тавсияҳо ба субъекти хоҷагидор аз ҷониби Нозирот дар шаклҳои зерин сурат мегирад:

- пешниҳоди маълумоти умумие, ки дар сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нозирот ҷойгир карда мешавад;

- ба нашр расонидани раҳнамо ва дастурҳои методӣ оид ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияташон, инчунин китоб, брошюра ва лавҳаҳои иттилоотӣ;

- посуххо ба саволҳои хаттию шифоҳии субъектҳои хоҷагидор тавассути телефон ва дар шакли электронӣ ё ҳомили коғазӣ дода мешавад;

- гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ.

51. Дар сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нозирот дар соҳаи истеҳсол, истихроҷ, коркард, истифодабарӣ, муомилот, баҳисобгирӣ ва нигоҳдории металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо иттилооти мазкур ҷойгир карда мешавад:

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор;

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи шарту талабот нисбати фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ки мавриди санҷиш қарор мегиранд;

- нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳо бо ҳамаи тағйиру иловаҳо ба онҳо;

- номгӯйи масъалаҳои назоратие, ки Нозирот аз рӯйи онҳо дар соҳаи фаъолияти худ санҷиш мегузаронад;

- маълумот дар бораи ба гурӯҳи муайяни хавфнок мансуб донистани субъекти хоҷагидор, инчунин асосноккунии ба ин гурӯҳи хавфнок мансуб донистани он.

52. Иттилооту машваратҳои ба субъектҳои хоҷагидор пешниҳодшаванда бояд дар маҷмӯъ ба кам кардани миқдори ҳуқуқвайронкуниҳо, пешгирии содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳо ва кам кардани хавфи содир намудани онҳо равона карда шаванд. Иттилооту машваратҳои аз ҷониби Нозирот ба субъектҳои хоҷагидор пешниҳодшаванда бояд аз нигоҳи ҳуқуқӣ асоснок, яккхела, дақиқ ва фаҳмо бошанд.

53. Нозирот бояд ҳар сол гузаронидани чорабиниҳоро оид ба фаъолияти машваратдиҳӣ ба субъектҳои хоҷагидор бо зикри мавзӯҳои барои онҳо нисбатан муҳим ба нақша гирад.

54. Агар субъекти хоҷагидор мутобиқи машварат ё тавсияи ба таври хаттӣ пешниҳоднамудаи Нозирот амал карда истода бошад, субъекти хоҷагидор барои ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон мутобиқат накардани амалҳояш ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, ба истисноИ ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ.

## *7. РАСМИЁТИ ГУЗАРОНИДАНИ БАЙОДИЙИИ ТАВАККАЛ (ХАВФ)-И СУБЪЕКТЙОИ ХОЧАГИДОР ВА ТАҚСИМОТИ ОНЙО АЗ РӮИ ДАРАЧАИ ХАВФНОКҶ*

55. Нозирот санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро вобаста ба дараҷаи таваккалнокиашон амалӣ менамояд.

56. Дараҷаи хавфнокии ҳар субъекти хоҷагидор дар асоси меъёрҳои арзёбии дараҷаи хавфнокӣ, ки аз ҷониби Нозирот дар соҳаи мансуб ба ваколатҳояшон таҳия карда мешавад, муайян мегардад.

57. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" дараҷаи таваккали фаъолияти субъекти хоҷагидор ба дараҷаи таваккали баланд, миёна ва паст муайян карда мешавад. Гурӯҳи субъектҳои дараҷаи таваккалашон баланд набояд аз 10 фоизи шумораи умумии субъектҳои санҷидашавандаи Нозирот зиёд бошад.

58. Расмиёти баҳодиҳии таваккали (хавфи) субъекти хоҷагидор ва меъёрҳои баҳодиҳии дараҷаи хавфнокӣ бо тартиби пешбининамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси эҳтимолияти расонидани зарар дар натиҷаи фаъолияти субъекти хоҷагидор ба ҳаёт ва (ё) саломатии аҳолӣ, муҳити зист амнияти ҷомеа ва манфиатҳои молумулкӣ муайян карда мешавад.

## *8. РАСМСИЁТ ОИДИ БАРРАСИИ МУРОЧИАТЙО ВА ПЕШНИЙОДИ ИТТИЛООТИ ДИГАРИ АЗ ЧОНИБИ СУБЪЕКТЙОИ ХОЧАГИДОР ВОРИДШАВАНДА*

59. Субъекти хоҷагидор метавонад нисбати амал (беамалӣ) ва қарорҳои дар ҷараёни гузаронидани санҷиш қабулкардаи Нозирот тариқи судӣ ё бо тартиби дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намояд.

60. Шикоятҳо аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор дар шакли хаттӣ тавассути алоқаи электронӣ, ҳангоми қабули шахсӣ тавассути номарасон ё бо тариқи сабт кардани ариза, шикоят ё пешниҳоди худ дар дафтари аризаҳо ва шикоятҳои Нозирот пешниҳод карда мешаванд.

61. Ба шикояте, ки аз номи субъекти хоҷагидор, намояндаи қонунии ӯ пешниҳод менамояд, ваколатномаи аз номи субъекти хоҷагидор бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда, замима карда мешавад.

62. Шикоятҳое, ки дар онҳо насаб, ном, номи падари соҳибкори инфиродӣ, суроғаи ҷойгиршавии ӯ ё номи пурраи шахси ҳуқуқӣ, суроғаи маҳалли ҷойгиршавии он зикр наёфтаанд, ё маълумоти дар онҳо дарҷгардида воқеият надорад, инчунин бе имзо пешниҳод гардидаанд, бе ном донista шуда, баррасӣ карда намешаванд.

63. Иҷрои қарор аз натиҷаи санҷиши Нозирот то лаҳзаи қабули қарори дахлдор оид ба моҳияти шикоят боздошта мешавад.

64. Роҳбари Нозирот уҳдадор аст, ки шикоятро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, яке аз қарорҳои зеринро қабул намояд:

- қарорро бетағйир ва шикоятро бе баррасӣ монад;

- қарорро пурра ё қисман бекор намояд;

- қарорро бекор карда, санҷиши иловагиро таъин намояд.

65. Санҷиши иловагӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" гузаронида мешавад.

66. Шикоятҳои такрорӣ оид ба ҳамон як асос, ки аз рӯйи он ҷавоб гирифта шудааст ва дорои ҳолатҳои нави ошкоргардида намебошад, баррасӣ намегарданд.

## *9. РАСМИЁТИ ИНТИХОБИ НАМУНАЙОИ МАСНУОТ, НИГОЙДОРӢ ВА ЙАМЛУ НАҚЛИ ОН БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗА*

67. Интихоби намунаҳои маснуот аз тарафи Нозирот барои гузаронидани ташхис (экспертиза) танҳо дар сурати ғайриимкон будани муайян намудани масъалаи бехатарии маснуот дар натиҷаи муоинаи ҷисмонии он анҷом дода мешавад. Дар ин ҳолат, Нозирот мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" санади дахлдор тартиб медиҳад (мутобиқи Замимаи 3 ба қоидаҳои мазкур).

68. Ҳамлу нақли намунаҳои интихобшудаи маснуот ва шароити нигоҳдории он набояд нишондиҳандаҳоеро, ки аз рӯи онҳо ташхиси намунаҳо гузаронида мешавад, тағйир диҳад.

69. Шахси мансабдори Нозирот намунаҳои маснуотро барои экспертиза интихоб намуда, ҳифз, бехатарӣ, пешгирии ифлосшавӣ, нигоҳдорӣ ва ҳамлу нақли онҳоро ба ҷои гузаронидани ташхис таъмин мекунад.

70. Намунаҳои гирифташуда бояд тавре нигоҳ дошта шаванд, ки хусусияти ташхисиашон тағйир наёбад.

71. Намунаҳо бояд дақиқ муайян карда шаванд.

72. Субъекти хоҷагидори санҷидашаванда ҳуқуқ дорад дар бораи гирифтани намунаи маҳсулот шаҳодат диҳад, шикоят кунад ва эродҳои худро изҳор намояд.

73. Аз рӯи натиҷаҳои экспертиза санади экспертиза тартиб дода мешавад, ки як нусхаи он ба санади санҷиш замима карда мешавад.

74. Субъекти хоҷагидоре, ки бо натиҷаҳои экспертиза розӣ нест, ҳуқуқ дорад барои гирифтани хулосаи коршиносӣ оид ба масъалаҳои гузошташуда бо интихоби худ ва аз ҳисоби худ ба ташкилоти мустақили экспертӣ ё коршинос муроҷиат намояд. Хулосаи коршиносии гирифташуда метавонад ба маводи шикояти субъекти хоҷагидор нисбати қарор аз рӯи натиҷаҳои санҷиш замима карда шавад.

75. Нозирот хулосаи мақоми дигари санҷишӣ ва натиҷаи ташхисро, ки дар озмоишгоҳҳои аккредитатсияшудаи мақоми санҷишӣ гузаронида шудааст, метавонад эътироф намояд.

## *10. ҶАЛБИ КОРШИНОС, ТАШКИЛОТИ ЭКСПЕРТӢ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТЙОИ ХОҶАГИДОР*

76. Нозирот ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор метавонад барои арзёбии мутобиқати фаъолияти аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор амалишаванда ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон коршиносонро (ташкилотҳои экспертиро) ҷалб намоянд.

77. Коршиносон (ташкилотҳои экспертӣ) шахсони дорои дониши махсус, тахассус ва таҷриба дар соҳаи дахлдори илм, соҳаи хоҷагӣ, инчунин дар маҷмӯъ фаъолияти хоҷагидорӣ мебошанд, ки аз ҷониби Нозирот дар асоси шартнома барои гузаронидани санҷиш ва таҳияи хулосаҳои коршиносӣ оид ба масъалаҳои аз тарафи Нозирот гузошташуда ҷалб карда мешаванд. Шарти ҳатмии шартномае, ки бо коршинос (ташкилоти экспертӣ) баста мешавад, шарти масъулияти коршинос (ташкилоти экспертӣ) барои дурустии хулосаи коршиносӣ ва мутобиқати он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

78. Пардохти ҳаққи хизмати коршиносон (ташкилотҳои экспертӣ), инчунин ҷуброни хароҷоти онҳо бинобар иштирок дар гузаронидани санҷиш аз ҳисоби Нозирот амали карда мешавад.

79. Вазифаи коршиносон (ташкилоти экспертӣ) мусоидат намудан ба Нозирот ҳангоми гузаронидани санҷиши субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла гузаронидани баҳодиҳии мустақили

(талабкунандаи донишҳои махсус) фаъолияти субъекти хоҷагидор, инчунин таҳияи хулосаи коршиносӣ аз рӯйи натиҷаҳои он мебошад.

80. Ҳангоми гузаронидани экспертиза коршиносон (ташкилотҳои экспертӣ) бояд припсипҳои зеринро дастури амал қарор диҳанд:

- пурра, ҳамаҷониба, салоҳиятнок, муътамад, асоснок ва қонунӣ будани экспертиза ва натиҷаҳои он;

- холисӣ ва беғаразӣ;

- вобаста набудан аз ҳар шахсе, ки ба натиҷаҳои экспертиза манфиатдор аст;

- масъулият барои ташкил намудан, гузаронидан ва сифатнокии экспертиза;

- риояи сирри тиҷоратӣ дар мавриди маълумотдиҳӣ ҳангоми гузаронидани экспертиза ва натиҷаи бадастомада.

81. Нозирот барои ҷалби коршиносон:

- мавзӯи экспертизаро муайян менамоянд;

- номгӯйи масъалаҳоеро, ки бояд дар назди коршиносон (ташкилотҳои экспертӣ) гузошта шаванд, тартиб медиҳад;

- расмиёти муайян намудани иҷрокунанда - коршиносро (ташкилоти экспертиро) бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки расмиёти хариди давлатиро ба танзим медарорад, мегузаронад;

- бо коршинос (ташкилоти экспертӣ) шартнома мебандад.

82. Шахсони зерин ба сифати коршиносон (ташкилотҳои экспертӣ) ҷалб шуда наметавонанд:

- шахсоне, ки шахсони мансабдор ё кормандони субъекти хоҷагидори санҷидашаванда мебошанд ё дар давоми се соли то санаи гузаронидани ташхис будаанд;

- шахсоне, ки нисбати субъекти хоҷагидори санҷидашаванда манфиатҳои молумулкӣ доранд;

- хешовандони наздик (ҳамсар, бародарон, хоҳарон, падару модар, кӯдакон) -и роҳбар ва ё молики субъекти хоҷагидори санҷидашаванда.

83. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи коршинос (ташкилоти экспертӣ) хулосаи коршиносӣ тартиб дода мешавад ва тавсифи танҳо он далелҳоеро дар бар мегирад, ки дар ҷараёни гузаронидани экспертиза муқаррар гардида буданд. Хулосаи коршиносӣ бо муҳр ва имзои коршинос (ташкилоти экспертӣ) тасдиқ гардида ба санади санҷиши субъекти хоҷагидор замима карда мешавад.

## *11. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВҶ*

84. Баҳсҳо оид ба гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор вобаста ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

85. Шахсони мансабдори Нозирот ва субъектҳои хоҷагидор барои вайрон кардани талаботи Қоидаҳои мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

*Замима*

*ба Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсол, истихроҷ, коркард, истифода, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо*

**САНАДИ САНҶИШИ**

соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)___________________

аз _________________, №_____

Санад мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" тартиб дода шудааст.

1. Суроға__________________________________________________________________________

2. Дар асоси Қарори Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гузаронидани санҷиши солонаи нақшавии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)____________________________ аз ______________, №______, нисбати соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)___________________ санҷиши нақшавӣ барои давраи фаъолияти корӣ аз моҳи _____________ то ____________________________ гузаронида шуд.

соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)___________________ дар мақомоти бақайдгирии давлатӣ санаи _______________, №________ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

РМА: ______________________,

РЯМ: ______________________,

соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) ________________________________________________ дорои Иҷозатнома “_______________________________________________________________________________ ____________________” тахти №_______ буда, мухлати амали он аз _________ то __________ мебошад ва то санаи оғози санҷиш бо он фаъолият намуда истодааст.

Бояд қайд кард, ки санҷиш нисбати соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)___________________ дар самти фаъолияти зикргардида қаблан гузаронида нашудааст.

3. Санаи оғози санҷиш:________________________________________________________________

Санаи анҷоми санҷиш: _______________________________________________________________

Давомнокии умумии санҷиш: __________________________________________________________

4. Шахсони мансабдори мақомоти санҷишӣ, ки санҷишро гузарониданд:

- ____________________ Шуъбаи назорат ва баҳисобгирии Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шаҳодатномаи хизматии №___;
- ___________________________________ Шуъбаи назорат ва баҳисобгирии Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шаҳодатномаи хизматии №___;

- ___________________________________ Шуъбаи назорат ва баҳисобгирии Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шаҳодатномаи хизматии №____.

5. Ҳангоми гузаронидани санҷиш иштирок доштанд:

Соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) _______________________________________________________

6. Мавзӯи санҷиши гузаронидашуда:

- муайян намудани тарзи дурусти нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва муомилоти маснуотҳои заргарии аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо сохташуда;

- санҷиши мутобиқати фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)-ро ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо муайян мекунад;

- машваратдиҳӣ ба соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) оид ба масъалаҳои коҳиш додани таваккал ва амалигардонии фаъолияти онҳо мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои чорабиниҳои дигаре, ки ба пешниҳоди иттилоот дар хусуси пешгирии риоя накардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона шудаанд;

- мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ андешидани чораҳои таъсиррасонӣ нисбати соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) ________________________________________________________________

7. Дар ҷараёни гузаронидани санҷиш ошкор карда шуд:

- вайронкунии талаботи ҳатмии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин ошкор карда шуд:

Ҳангоми бақиябардорӣ, ки санаи ______________ шуда буд муайян гардид, ки соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)____________ дар бақияи худ ба миқдори ______ адад бо вазни ________грамм маснуоти заргарии аз металли тилло ва нуқра сохташуда дошт. Аз ин ба миқдори _________ адад бо вазни ______ грамм маснуоти заргариро барои гузоштани тамғаи иёри давлатӣ ба Нозирот пешниҳод намуд.

Тибқи маълумоти Бахши геммологӣ, ташхис ва баҳодиҳии Нозирот маснуоти бе тамғаи иёри давлатии ба соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) _______________ тааллуқдошта, ки дар натиҷаи санҷиш ошкор карда шудааст, маснуоти истеҳсоли заргарӣ мебошанд.
Дар натиҷаи санҷиш, тибқи маълумоти Шуъбаи озмоишӣ ва ташхиси кимиёвии Нозирот муайян гардид, ки дар давраи санҷишӣ соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) _______________ ҳамагӣ _______ адад маснуоти заргарӣ бо вазни ___________ грамм аз металли тилло ва нуқраро аз ташхиси Нозирот гузаронидааст.

Мутобиқи банди 1 Тартиби иёр гирифтан ва тамғагузории маснуоти аз металлҳои қиматбаҳо сохташуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №297 тасдиқ гардидааст, ҳамаи маснуоти заргарӣ ва дигар маснуоти маишие, ки дар ҳудуди давлат аз металлҳои қиматбаҳо сохта мешаванд, инчунин маснуоти мазкур, ки ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фурӯш ворид мегардад, бояд тамғаи иёри давлатӣ гузошта шаванд.

Яъне аз тарафи соҳибкор талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №297 риоя карда нашудааст. Мутобиқи қарори мазкур барои маснуоте, ки дар рафти санҷиш ошкор мегардад, барои як маснуот 4 сомони ситонида шавад.
Ҳамзамон, мутобиқи банди 13 Қоидаҳои баҳисобгирӣ, нигоҳдошти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва маҳсулоти онҳо, инчунин тартиби ҳисоботдиҳӣ дар бораи онҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2007, №415 тасдиқ карда шудааст, субъектон ӯҳдадоранд, қайдҳоро дар китобҳои баҳисобгирӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ доир ба металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва маснуоти дорои онҳо дар асоси санадҳои қабулу супурдан, дархости борхат, санадҳои баровардани мол, борхатҳои молӣ ва дигар намудҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоботии ибтидоӣ ба амал баророанд.

8. Ҳуҷҷатҳои ба санади санҷиш замимашаванда:

- нусхаи шиноснома, нусхаи иҷозатнома, нусхаи шаҳодатномаи андоз, нусхаи иқтибос, нусхаи гувоҳнома, санад оид ба гирифтани намунаи маснуот, маълумоти Бахши геммологӣ, санади кушодан ва қабул ва маълумоти Шуъбаи озмоишӣ ва ташхиси кимиёвии Нозирот замима мешаванд.

9. Санади мазкур дар ду нусха, ки дорои эътибори якхелаи ҳуқуқӣ мебошанд, тартиб дода шудааст.

Имзои шахсони мансабдоре, ки санҷишро гузаронидаанд:

________________________ ________________________

________________________ ________________________

________________________ ________________________

Бо санади санҷиш шинос шудам, нусхаи санадро бо тамоми замимаҳояш гирифтам:

Соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) __________ "__"_____ соли 20___

______________

имзо

Замима

ба Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсол, истихроҷ, коркард, истифода, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо

ҚАРОР

Дар бораи гузаронидани санҷиши солонаи нақшавии

фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)_________________

________________ №______ ш. Душанбе

Дар асоси моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор” аз 25 декабри соли 2015, №1269,

Қ А Р О Р  М Е К У Н А М:

1. Мутобиқи Нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳои нақшавӣ, ки санаи __________ таҳти №__ аз ҷониби Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва бо Шурои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ мувофиқа шудааст, нисбати соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)_________________ (РЯМ: _______, РМА:__________ ва санаи бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) _________________) санҷиши нақшавӣ гузаронида шавад.
2. Шахсони зерин ваколатдор барои гузаронидани санҷиши нақшавӣ таъин карда шаванд:

- ___________________________________ - ___________________________________

Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шаҳодатномаи хизматии №___;

- _______________________________ - _______________________________

Шуъбаи назорат ва баҳисобгирии Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шаҳодатномаи хизматии №___;

- _______________________________ - _______________________________

Шуъбаи назорат ва баҳисобгирии Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шаҳодатномаи хизматии №___.

3. Муқаррар карда шавад, ки:

- санҷиши нақшавӣ бо мақсади коҳиш додани хавф барои саломатии шаҳрвандон, муҳити зист, амнияти ҷомеа ва ҳифзи моликият гузаронида мешавад.

4. Асос барои гузаронидани санҷиши солонаи нақшавӣ:

- Нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳои нақшавӣ барои соли 20___, ки санаи ____________, №___ шудааст ва Қарори мазкур мебошад;

5. Мақсади санҷиши солонаи нақшавӣ:

- муайян намудани мутобиқати фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) ________________ ба зербанди 8 банди 1 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2015, №1269 "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2001, №21 "Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №297 "Дар бораи тасдиқи Феҳристи корҳое, ки аз онҳо ҳаққи иёр (пардохти иёр) рӯёнида мешавад ва Тартиби иёр гирифтан ва тамға задани маснуоти аз металлҳои қиматбаҳо сохташуда", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2007, №415 "Оид ба тасдиқи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, нигоҳдошти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои киматбаҳо ва маҳсулоти онҳо, инчунин тартиби ҳисоботдиҳӣ дар бораи онҳо, Қоидаҳои хариду фурӯш, содирот ва воридоти металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хоми дорои металлҳои қиматбаҳо ва ранга, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2006, №215 тасдиқ шудааст.

6. Мавзуи санҷиши солонаи нақшавӣ:

- муайян намудани тарзи дурусти нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва муомилоти маснуоти заргарии аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо сохташуда.

7. Дар доираи санҷиши солонаи нақшавии мазкур давраи фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)____________________ аз санаи ____________ то ____________ фаро гирифта шавад.

8. Санҷиш дар давоми муҳлати зерин гузаронида шавад:

Аз______________________________________________ то ________________________________________

Сардори Нозироти
давлатии иёргирӣ

____________
(н.н.н)

________________, №_____

*Нусхаи Қарор дар бораи гузаронидани санҷиши солонаи нақшавӣ санаи "_____" ________ соли 20___ соати «_______» дақиқа ба* соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)_______________ *супорида шуд.*

*Нусхаи Қарор дар бораи гузаронидани санҷиши солонаи нақшавиро бо замимаҳояш гирифтам:*

______________________ ______________

*Замима*

*ба Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсол, истихроҷ, коркард, истифода, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо*

**САНАД**

**оид ба гирифти намунаи маснуот**

аз «___» __________ соли 20__ №__ ш.Душанбе

Санади гирифти маснуот барои тасдиқи он тартиб дода шудааст, ки дар доираи санҷиши солонаи нақшавӣ аз тарафи Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)

______________________________________________________________________,

(насаб, ном, номи падари соҳибкори инфиродӣ, рақами ягонаи давлатӣ, РМА ва санаи бақайдгирии давлатии он)

воқеъ дар суроғаи ____________________________________________________

(суроғаи ҷойгиршавии соҳибкори инфиродӣ, ки намунаи маснуот гирифта мешавад)

гузаронидашаванда аз тарафи________________________________________________

(насаб, ном, мансаб ва рақами шаҳодатномаи хизматии шахси мансабдори мақоми санҷишӣ, ки Санад оид ба гирифти намунаи маснуотро тартиб медиҳад)

бинобар ғайриимкон будани муайянкунии масъалаи бехатарии маснуот аз рӯи натиҷаҳои азназаргузаронии ҷисмонии он, тасмим гирифта шуд, ки маснуоти зерин барои гузаронидани ташхиси (экспертизаи) он гирифта шавад:

| Номгуйи маснуот | Маснуотҳои дорои тамғаи давлатӣ | | | | Маснуотҳои бе тамғаи давлатӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Маснуот аз металли тилло | Маснуот аз металли нуқра | Маснуот аз металли ғайриқиматбаҳо | Маснуот аз металли нимқиматбаҳо 30% | Маснуот аз металли тилло | Маснуот аз металли нуқра | Маснуот аз металли ғайриқиматбаҳо | Маснуот аз металли нимқиматбаҳо 30% |

| | дона | вазн | дона | вазн | дона | вазн | дона | вазн | дона | вазн | дона | вазн | дона | вазн | дона | вазн |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ангуштарин | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Гушвор | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Дастбанд | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Занҷира | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Овеза | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маҷмуъи - 3 | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маҷмуъи - 4 | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Тавқ | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҷамъ:** | | | | | | | | | | | | | | | | |

Арзиши умумии намунаҳои гирифташуда ________ (__________________________) сомониро ташкил медиҳад.

Сана ва вақти гирифтани намунаҳои маснуот: «____» __________ соли 2019 соати «______» дақиқа.

Намунаи маснуот мутобиқи талаботи:

______________________________________________________________________________

(Номи санади меъёрию техникие, ки мутобиқи он намунаи маснуот барои экспертиза гирифта мешавад)

гирифта шуд.

Натиҷаи азназаргузаронии сатҳии намунаҳои маснуоти гирифташуда:

______________________________________________________________________________

(ҳолати борбандӣ, тамғаи маснуот)

Талабот (ҳадаф) барои гирифтани маснуот:

______________________________________________________________________________

Мансаб, насаб, ном, номи падари санҷидашаванда – соҳибкори инфиродӣ, ки ҳангоми гирифтани намунаҳои маснуот ҳузур дошт:

______________________________________________________________________________

Намунаҳои маснуот барои гузаронидани экспертиза ба Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуд.

Маҳалли тартиб додани Санади гирифтани намунаҳои маснуот:

______________________________________________________________________________

(дар сурати мавҷуд буданашон пур карда мешавад)

______________________________________________________ _____________________

(насаб, ҳарфҳои аввали ном ва номи шахси мансабдоре, ки Санадро тартиб додааст) имзо

______________________________________________________________________

(мансаб, насаб, ном, номи падари санҷишаванда - соҳибкори инфиродӣ, ки ҳангоми гирифтани намунаҳои маснуот ҳузур дошт)

______________________

(имзо бо муҳр тасдиқгардида)

*Замима*

*ба Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсол, истихроҷ, коркард, истифода, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо*

**ОГОҲИНОМА**

дар бораи гузаронидани санҷиши солонаи нақшавии фаъолияти

соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)____________________

Бо ҳамин огоҳ месозем, ки дар асоси Қарори Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз _______________, №_____ дар бораи гузаронидани санҷиши солонаи нақшавии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)___________________ (РЯМ: ___________, РМА: ________________________ ва санаи бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) _____________________________) нисбати Шумо санҷиши солонаи нақшавӣ гузаронида мешавад.

1. Шахсони зерин ваколатдор барои гузаронидани санҷиши солонаи нақшавӣ таъин карда шудаанд:

- _________________________________________ - _________________________________________
Шуъбаи назорат ва баҳисобгирии Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шаҳодатномаи хизматии №__;
- _________________________________________ - _________________________________________
Шуъбаи назорат ва баҳисобгирии Нозирот, Шаҳодатномаи хизматии №__;
- _________________________________________ - _________________________________________
Шуъбаи назорат ва баҳисобгирии Нозирот, Шаҳодатномаи хизматии №__.

2. Мақсади санҷиши солонаи нақшавӣ:

- санҷиши нақшавӣ бо мақсади коҳиш додани хавф барои саломатии шаҳрвандон, муҳити зист, амнияти ҷомеа, ҳифзи моликият ва муайян намудани мутобиқати фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) ба зербанди 8 банди 1 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2015, №1269 "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2001, №21 "Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №297 "Дар бораи тасдиқи Феҳристи корҳое, ки аз онҳо ҳаққи иёр (пардохти иёр) рӯёнида мешавад ва Тартиби иёр гирифтан ва тамға задани маснуоти аз металлҳои қиматбаҳо сохташуда", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2007, №415 "Оид ба тасдиқи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, нигоҳдошти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои киматбаҳо ва маҳсулоти онҳо, инчунин тартиби ҳисоботдиҳӣ дар бораи онҳо, Қоидаҳои хариду фурӯш, содирот ва воридоти металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хоми дорои металлҳои қиматбаҳо ва ранга, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2006, №215 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад.

3. Мавзӯи санҷиши солонаи накшавӣ:

- муайян намудани тарзи дурусти нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва муомилоти маснуотҳои заргарии аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо сохташуда.

4. Давомнокии муҳлати гузаронидани санҷиши солонаи нақшавӣ:

- муҳлати санҷиши нақшавӣ 3 рузи кориро дар бар мегирад.

5. Гузаронидани санҷиш аз санаи ____________ оғоз карда мешавад.

6. Макони гузаронидани санҷиши солонаи нақшавӣ:

________________________________________________________________________________

7. Санҷиш на дертар аз ____________________ анҷом дода мешавад.

8. Масъалаҳои назоратие, ки аз рӯи онҳо санҷиши солонаи нақшавӣ гузаронида мешавад:

- иҷроиши талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2015, №1269 “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2001, №21 “Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №297 “Дар бораи тасдиқи Феҳристи корҳое, ки аз онҳо ҳаққи иёр (пардохти иёр) рӯёнида мешавад ва Тартиби иёр гирифтан ва тамға задани маснуоти аз металлҳои қиматбаҳо сохташуда”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2007, №415 “Оид ба тасдиқи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, нигоҳдошти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои киматбаҳо ва маҳсулоти онҳо, инчунин тартиби ҳисоботдиҳӣ дар бораи онҳо, Қоидаҳои хариду фурӯш, содирот ва воридоти металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва ашёи хоми дорои металлҳои қиматбаҳо ва ранга, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2006, №215.

9. Шахсони ваколатдори барои гузаронидани санҷиши солонаи нақшавӣ таъин гардида:

__________________ __________________

__________________ __________________

__________________ __________________

______________, №______

*Нусхаи Огоҳинома дар бораи гузаронидани санҷиши солонаи нақшавии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)__________________________________________ бо замимаи номгӯи масъалаҳои назоратӣ санаи «_____» __________ соли 20__ соати «_____» дақиқа ба ________________________________________ супорида шуд.*

*Нусхаи Огоҳинома дар бораи гузаронидани санҷиши солонаи нақшавиро бо замимаи номгӯи масъалаҳои назоратӣ гирифтам:*

Соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) __________________

______________________

*Замима*

*ба Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсол, истихроҷ, коркард, истифода, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо*

**ҚАРОР**

**аз рӯи натиҷаҳои санҷиши солонаи нақшавии фаъолияти**

**соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ)**

---

аз “___” ________ соли __ №___ ш.Душанбе

Санади санҷишӣ аз “___” ________ соли __, №___, ки дар асоси Қарор “Дар бораи гузаронидани санҷиши солонаи нақшавии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) ________________________ аз “___” ________ соли __, №___ нисбати соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) ________________________ (РЯМ: ____________, РМА:____________ ва санаи бақайдгирии давлатии ____________) гузаронида шудааст, инчунин маводи дигари санҷишӣ, ки ба Санади санҷишии дар боло зикршуда замима гардидааст, субъекти хоҷагидор бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бо он шинос карда шуд ва дар ин хусус дар Санади санҷишӣ қайди дахлдор аз ____________ ворид карда шудааст, баррасӣ намуда,

Муқаррар намуд, ки:

- соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) ________________, ки нисбати он санҷиши солонаи нақшавӣ гузаронида шуд, дар бораи гузаронидани санҷиш ба таври зарурӣ огоҳ карда шуда, ба ӯ номгӯйи масъалаҳои назоратӣ супорида шуд ва ин бо санади тасдиққунанда – Огоҳинома дар бораи гузаронидани санҷиши солонаи нақшавии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) тасдиқ карда мешавад;

- қайдҳо дар дафтари бақайдгирии санҷишҳо таҳти №________ аз ________________ ба таври дахлдор ворид карда шуданд;

- санҷиши солонаи нақшавӣ бо иштироки соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) ________________________ гузаронида шуд;

- мавзӯи санҷиши солонаи нақшавии гузаронидашуда ин муайян намудани тарзи дурусти нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва муомилоти маснуоти заргарии аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо сохташуда буд;

- санҷиш дар мӯҳлати пешбининамудаи Қарор “Дар бораи гузаронидани санҷиши солонаи нақшавии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) ________________________ аз ____________, №____ гузаронида шуд ва санаи ____________, №________ соати ________ дақиқа анҷом ёфт;

- аз рӯи натиҷаҳои санҷиш далелҳои вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуданд.

Бинобар асосҳои болозикр мутобиқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор” аз 25 декабри соли 2015, №1269,

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) ________________ вазифадор карда шавад, ки талаботи зеринро иҷро намояд:

а) маснуоти заргарии бадастовардаашро барои бо тамғаи иёри давлатӣ таъмин намудан ба Нозирот пешниҳод намояд;

б) баҳисобгирӣ ва нигоҳдории маснуоти заргарии аз металлҳои қиматбаҳо сохташударо мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2007, №415 ба роҳ монад;

в) муомилот ва хариду фурӯши маснуоти заргарии аз металлҳои қиматбаҳо сохташударо мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №297 ба роҳ монад.

Қарори мазкур дар давоми 10 рӯз аз лаҳзаи қабул шуданаш эътибор пайдо мекунад, ба шарте, ки агар дар мӯҳлати дар боло зикргардида нисбати он шикоят оварда нашавад. Нисбати қарори мазкур ба мақоми қабулкардаи қарор, инчунин ба суд шикоят кардан мумкин аст.

Сардори Нозироти

давлатии иёргирӣ ______________

(н.н.н.)

____________________, №___

*Нусхаи Қарор аз рӯи натиҷаҳои санҷиши солонаи нақшавии фаъолияти Соҳибкори инфиродӣ санаи «___» ____________ соли 20___ соати «______» дақиқа ба соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) ____________________________________ супорида шуд.*

*Нусхаи Қарор аз рӯи натиҷаҳои санҷиши солонаи нақшавии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (шахси ҳуқуқӣ) -ро гирифтам:*

______________________________________________________________________________